Тасдиқ менамоям,
муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссия оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон

________________ Давлаталӣ Саид

« 24 » январи соли 2019

Нақшаи миллии амалҳо
вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи СММ барои солҳои 2019-2022

| № | Мухтаво ва рақами тавсия | Номгӯи чорабинӣ | Муҳлати иҷро | Иҷрокунан-дагон | Натиҷаҳои иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1. | Чораҷӯӣ ҷиҳати беҷазо намондани шахсоне, ки истифодаи шиканҷа ва ё муносибати бераҳмонаро раво донистаанд (тавсияҳои №7-8) | 1) Гузаронидани таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба шиканҷа ва ҷазои бераҳмона ва ғайриинсонӣ | 2019-2020 | ПГ, ВА, ВМд, ММҚ, ВҲИ | Таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи тафтиши ҷиноятҳо гузаронида шуда, таклифҳо манзур гардиданд |
| | | 2) Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои таълимӣ оид ба баланд бардоштани малакаи касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мутахассисон оид ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намуди муносибати бераҳмона | мунтазам | ВҲИ, СО, ПГ, ВКД, ВА, ВМд, КДАМ, АНМН, АНДММК, ИА | Теъдоди чорабиниҳои гузаронидашуда |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3) Дохил намудани масъалаҳои манъи қатъии шиканҷа ба баромадҳои шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла ба баромадҳои онҳо дар ВАО | мунтазам | ПГ, СО, АНДММК, АНМН, ВА, ВМд, ВКД, КДАМ | Дар баромадҳо масъалаҳои мазкур қайд карда шуданд |
| 2. | Тафтиши ҳолатҳои татбиқи шиканҷа (тавсияҳои №9-10) | 1) Омӯхтани таҷрибаи дигар давлатҳо ва тайёр намудани тавсияҳо оид ба ташкил намудани механизми алоҳидаи мустақили тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа | 2019-2022 | ДИП, ПГ, ВА, ВҲИ | Таҷриба омӯхта шуда, таклифҳои мушаххас манзур гардиданд |
| | | 2) Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низоми мустақил ва босамари тафтишоти шиканҷа | 2019-2022 | ПГ, СО, ВА | Тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд |
| | | 3) Ба амал баровардани чорабиниҳо оид ба татбиқи механизми тафтишоти шиканҷа, инчунин интихоб кардан ва тайёр намудани кадрҳо, муҷаҳҳазгардонии техникӣ ва ғ. | 2019-2022 | ПГ | Чорабиниҳои дахлдор амалӣ гардиданд |
| | | 4) Огоҳсозии ҷомеа дар мавриди далелҳои марбут ба дилхоҳ тафтиши тасдиқи истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона, инчунин қарорҳои баровардаи судҳо оид ба чунин парвандаҳо тариқи торнамоҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ ва ВАО | мунтазам | ПГ, СО, АНДММК, АНМН, ВА, ВМд, ВКД, КДАМ | Чорабиниҳои дахлдори иттилоотӣ гузаронида шуданд |
| 3. | Ҷораҳои ҷазо барои амалҳои шиканҷа (тавсияҳои №13-14) | 1) Ворид намудани тағйирот ба моддаи 143[1] Кодекси ҷиноятӣ ва зиёд кардани мӯҳлати маҳрумӣ аз озодӣ барои истифодаи шиканҷа, ҳамзамон, бекор намудани ҷораҳои ҷазое, ки ба маҳрумӣ аз озодӣ рабт надоранд | 2019 | ВА, ПГ, СО | Тағйироти мазкур ворид карда шуд |
| | | 2) Баррасии масъалаи татбиқ накардани санадҳои авф, қатъ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар робита бо созиш бо ҷабрдида, гузаштани мӯҳлати таъқиби ҷиноятӣ ва дигар ҳолатҳо нисбати шахсоне, ки шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро истифода намудаанд | 2019-2020 | ПГ, СО, ВА, ММҚ, ВҲИ | Масъала баррасӣ гардида, таклифи мушаххас манзур карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4. | Таҳкими фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (тавсияҳои №15-16) | Андешидани чораҳо оид ба амалисозии тавсияҳои Зеркумита оид ба аккредитатсияи мақомоти миллии ҳуқуқи инсон аз соли 2012 ва мақомоти СММ тибқи Принсипҳои Париж | 2019-2022 | Гурӯҳи кории назди ВҲИ | Нақша тасдиқ гардид, чорабиниҳо баргузор шуданд |
| 5. | Кафолатҳои асосии ҳуқуқӣ (тавсияҳои №17-18) | 1) Гузаронидани таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масоили кафолатҳои асосии ҳуқуқии дастгиршудагону шахсони ба ҳабс гирифташуда аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ | 2019 | ПГ, ВМд, ВА, ММҚ, ВҲИ, ИА, | Таҳлили дахлдор гузаронида шуд |
| | | 2) Баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ тавассути ба онҳо омӯзонидан ва аз ҷониби онҳо қатъиян риояву таъмин гардидани кафолатҳои асосии ҳуқуқӣ ва натиҷагирӣ кардан аз он | 2019-2022 | ВҲИ, ПГ, СО, АНДММК, АНМН, ВА, ВМд, ВКД, КДАМ | Чорабиниҳои дахлдор гузаронида шуданд |
| | | 3) Баррасии масъалаи такмили механизми барасмиятдарории дастгиркунӣ ва бақайдгирии ҷойгиркунӣ дар ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан | 2019-2020 | ПГ, СО, АНДММК, АНМН, ВА, ВМд, ВКД, КДАМ | Масъала баррасӣ гардида, таклиф манзур карда шуд |
| | | 4) Татбиқи стандартҳои Протоколи Истанбул дар фаъолияти кормандони соҳаи тиб | 2019-2020 | ВТҲИА, ПГ, ВА, ВМ | Стандартҳои дахлдор татбиқ карда шуданд |
| 6. | Дастрасӣ ба адвокати мустақил (тавсияҳои №19-20) | 1) Таҳлили қонунгузорӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» вобаста ба устувор намудани мустақилияти адвокатҳо | 2019 | ВА, ИА | Зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо баррасӣ карда шуд |
| | | 2) Баррасии масъалаи даъвати гузоришгари вежаи СММ оид ба мустақилияти судяҳо ва адвокатҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2021 | ДИП, ВА, СО, ПГ, ВКХ, КДАМ | Масъала баррасӣ карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3) Баррасии масъалаи такмили қонунгузории Тоҷикистон вобаста ба суҳбати бемамониати адвокат бо шахси таҳти ҳимояташбуда | 2019 | ВА, ПГ, СО, КДАМ | Масъала баррасӣ карда шуд |
| | | 4) Гузаронидани мониторинги самаранокии системаи расонидани кумаки ҳуқуқии ройгон | 2019 | ВА, ПГ, СО, ВҲИ, ИА | Мониторинг гузаронида шуд |
| 7. | Ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдидагони шиканҷа ва аъзои оилаи онҳо, ҳимоягарони ҳуқуқ ва рӯзноманигорон (тавсияҳои №21-22) | 1) Амалӣ намудани назорати доимӣ аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тафтиши тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба шиканҷа ва пешгирӣ намудани зери таъқиб қарор дода шудани ҷабрдидагон, аъзои оилаашон, ҳимоятгарони онҳо, рӯзноманигорон ва ғайра, натиҷагирӣ аз он | мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, АНДММК, АНМН, ВМд, ВҲИ | Назорати дахлдор амалӣ карда шуда, натиҷаи онҳо мунтазам таҳлил гардиданд |
| | | 2) Коркарди механизмҳои амалисозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ” | 2019 | ПГ, ВКД, ВА | Механизмҳои дахлдор таҳия гардида, пешниҳод карда шуданд |
| 8. | Ҳолатҳои фавт дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ (тавсияҳои №23-24) | 1) Ташкил ва гузаронидани тренингҳои омӯзишӣ дар байни кормандони муассисаҳои дахлдор ва маҳкумшудагон бо мақсади пешгирии паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам ва бемории сил | мунтазам | ВА, ПГ, ВТҲИА, КДАМ, ВҲИ | Тренингҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд |
| | | 2) Паҳн намудани маводи иттилоотӣ ва гузаронидани корҳои ташвиқотӣ ҷиҳати пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | мунтазам | ВА, ВТҲИА | Маводи иттилоотӣ паҳн карда шуда, корҳои ташвиқотӣ гузаронида шуданд |
| | | 3) Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати муайян намудани сироятшудагони вируси норасоии масунияти одам дар байни маҳкумшудагон ва сари вақт ба табобат фаро гирифтани онҳо | мунтазам | ВА, ВТҲИА | Чораҳои зарурӣ андешида шуданд |
| | | 4) Таҳия ва қабули санади дахлдори дохилиидоравӣ оид ба тартиби гузаронидани санҷиши ҳамаи ҳолатҳои марг дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | 2021 | ПГ, ВА, ВТҲИА | Санади дахлдори дохилиидоравӣ қабул карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 5) Баррасии масъалаи таъсиси институти экспертизаи мустақили судӣ ва тартиби фаъолияти он | 2020 | ПГ, СО, ВТҲИА, ВА, ВКД, АНМН, КДАМ | Масъалаи баррасӣ карда шуд |
| | | 6) Коркарди механизми гузаронидани экспертизаи тиббию судӣ ё патологоанатомии ҷасад бо дархости аъзои оилаи фавтида бо тартиби шахсӣ ва таъмини пешниҳоди хулосаи экспертиза ба онҳо | 2020 | ВТҲИА, ПГ, ВА | Масъала мавриди омӯзиш қарор гирифта, чораҳои дахлдор андешида шуданд |
| | | 7) Ташкили механизми пешбурд ва дастрас намудани омори фавт ва сабабҳои он дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ | мунтазам | ПГ, ВА, КДАМ, ВКД, ВТҲИА | Чораҳои дахлдор амалӣ шуданд |
| 9. | Нишондодҳои икрорӣ, ки таҳти маҷбуркунӣ гирифта шудааст (тавсияҳои №25-26) | 1) Дар чорабиниҳои омӯзишию иттилоотии судяҳо ва кормандони дастгоҳҳои судҳо, инчунин дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба роҳ мондани машғулиятҳо дар мавзӯъҳои марбут ба пешгирии шиканҷа, муносибати бераҳмона, далелҳои ғайри қобили қабул, алалхусус оид ба далелҳои бо роҳи шиканҷа бадастовардашуда | мунтазам | СО | Машғулиятҳои дахлдор гузаронида шуданд |
| | | 2) Дар ҳисоботи омории Суди Олӣ ворид намудани сутуни алоҳида оид ба изҳори истифодаи шиканҷа ва андешидани тадбирҳои дар ин самт бароҳмондашуда | 2019 | СО, АО | Чораи дахлдор андешида шуд |
| 10. | Тафтиши ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ (тавсияҳои №27-28) | 1) Аз тарафи гурӯҳи мониторингӣ дида баромадани такмили механизми баргузории мониторингҳо дар ҳама ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан ва маҳрумӣ аз озодӣ, аз ҷумла дар муассисаҳои дахлдори тиббӣ, васеъ намудани гурӯҳи мониторингӣ ва дохил намудани мутахассисони соҳаҳои гуногун ва баланд бардоштани савияи дониши онҳо | 2019-2020 | ВҲИ, ПГ, АНМН, АНДММК, ВКД, ВТҲИА, КДАМ, ВМд | Мониторингҳои дахлдор гузаронида шуданд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2) Мавриди баррасӣ қарор додани масъалаи лоиҳаи Созишномаи ҳамкорӣ бо Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх бо таваҷҷуҳ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2020 | ВА, ВКХ, КДАМ | Масъала баррасӣ гардида, таклифи мушаххас пешниҳод карда шуд |
| 11. | Ноҷоизии баргардонии маҷбурӣ (тавсияҳои №29-30) | 1) Омӯзиши масъалаи ноҷоизии баргардонии маҷбурӣ ва такмили қонунгузорӣ дар самти мазкур | 2019-2020 | ВКД, СО, ПГ, ВА, КДАМ, ВКХ, ММҚ, ВҲИ | Масъала мавриди омӯзиш қарор гирифта, лоиҳаи санадҳои дахлдор пешниҳод карда шуд |
| | | 2) Мунтазам таҳлил ва ҷамъбаст намудани масъалаи назорат нисбат ба қонунӣ будани депортатсияи шаҳрвандони хориҷӣ | мунтазам | ПГ, ВКХ, ВКД, КДАМ, ВА, ВММША | Пешниҳоди маълумоти дахлдор аз натиҷаи корҳои анҷомёфта |
| | | 3) Баррасии масъалаи такмили қонунгузорӣ вобаста ба маҳдудияти озодии сукунати гурезаҳо ва паноҳҷӯяндагон, аз ҷумла нисбат ба шахсоне, ки бо мақсади ҷустуҷӯи паноҳгоҳ ғайриқонунӣ сарҳадро убур мекунанд | 2019-2020 | ВКД, СО, ПГ, ВА, КДАМ, ВКХ, ММҚ, ВҲИ | Масъала баррасӣ гардида, таклиф пешниҳод карда шуд |
| | | 4) Омӯзиши таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои хориҷкунии маъмурии гурезаҳо ва паноҳҷӯяндагон бо мақсади ягонагии истифодаи қонунгузорӣ дар ин самт ва ворид кардани мавзӯъҳои вобаста ба ҳуқуқҳои гурезагон ва истифодаи принсипҳои хориҷ накардани гурезаҳо ва паноҳҷӯяндагон ба барномаи таълимии судяҳо | 2019-2020 | СО, ВКД, ПГ, ВА, КДАМ, ВКХ | Масъала баррасӣ гардида, чораҷӯӣ карда шуд |
| | | 5) Коркарди механизми равона кардани шахсони паноҳҷӯянда дар сарҳад ба мақомоти масъул ҷиҳати баррасии дархостҳо оид ба таъмини паноҳгоҳ | 2019-2020 | ВКД, СО, ПГ, ВА, КДАМ, ВКХ | Масъала баррасӣ гардида, таклиф пешниҳод карда шуд |
| 12. | Омӯзиш (тавсияҳои №31-32) | 1) Ба забони давлатӣ тарҷума кардани ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ дар самти озодӣ аз шиканҷа, аз ҷумла Принсипҳои асосии истифодаи қувва ва силоҳи оташфишон ва Кодекси рафтори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 2019-2022 | ВҲИ, СО, ПГ, АНДММК, АНМН, ВКД | Тарҷумаи ҳуҷҷатҳо анҷом дода шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2) Ворид намудани омӯзиши стандартҳои озодӣ аз шиканҷа дар барномаҳои таълимии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо, прокурорҳо, хизматчиёни ҳарбӣ, адвокатҳо ва ғайра | мунтазам | ВҲИ, вазорату идораҳо | Чораҳои дахлдор андешида шуданд |
| | | 3) Коркарди дастурамалу роҳнамои методӣ оид ба стандартҳои озодӣ аз шиканҷа барои намояндагони мақомоти гуногуни давлатӣ ва коркарди усулҳои баҳогузории самаранокии чунин барномаҳои таълимӣ | мунтазам | ВҲИ, вазорату идораҳо | Чораҳои дахлдор андешида шуданд |
| 13. | Шароити дар ҳабс нигоҳ доштан (тавсияҳои №33-34) | 1) Ҷоннок намудани қабули Стратегияи ислоҳоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ то соли 2025 | 2019-2020 | ВА, ПГ, СО, ВТҲИА, ВМ, КДАМ | Стратегияи мазкур қабул гардид |
| | | 2) Мавриди баррасӣ қарор додани масъалаи марҳила ба марҳила зиёд намудани маблағгузории давлатӣ, инчунин ҷалб намудани манбаъҳои алтернативии маблағгузорӣ ҷиҳати зина ба зина мутобиқ гардонидани шароити муассисаҳои пенитенсиарӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ | 2019-2022 | ВА, ПГ, СО, ВТҲИА, ВМ, КДАМ | Масъала баррасӣ карда шуд |
| | | 3) Баррасии масъалаи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо мақсади ворид намудани муқаррароти Қоидаҳои СММ вобаста ба муносибат бо занони маҳкумшуда (Қоидаҳои Бангкок) | 2020 | ВА, ВМ, ПГ, СО, ВТҲИА, КДАМ | Масъала баррасӣ карда шуд |
| | | 4) Омӯзонидани Қоидаҳои Бангкок ба кормандони муассисаи ислоҳии занона | 2020 | ВА | Қоидаҳо омӯзонида шуданд |
| | | 5) Мониторинги амалишавии Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемори сил барои солҳои 2017-2020 ва Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020 дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ | мунтазам | ВА, ВТҲИА, ПГ, СО, ВМ, КДАМ | Мониторинг гузаронида шуда, аз натиҷаи он чораҷӯӣ гардид |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 6) Баррасии масъалаи ташкили хадамоти мустақили тиббӣ ҷиҳати расонидани ёрии тиббӣ ба шахсони дастгиршуда, ҳабсшуда ва маҳкумшуда | 2019-2020 | ВТҲИА, ВА, ПГ, ВМ | Масъала мавриди омӯзиш қарор гирифта, таклифи мушаххас пешниҳод карда шуд |
| 14. | Механизми мустақили қабул ва баррасии шикоятҳо (тавсияҳои №35-36) | 1) Таҳлили вазъи назорати низоми баҳисобгирии омории муроҷиатҳо оид ба шикоятҳо дар бораи истифодаи шиканҷа ва ҷазои бераҳмона | 2019-2020 | ПГ, СО, ВА, ВКД, КДАМ, ВҲИ | Таҳлил гузаронида шуд |
| | | 2) Коркарди механизмҳои самараноки сари вақт аз ҷониби шахсони дар ҷойҳои маҳдудияту маҳрумӣ аз озодӣ нигоҳдошташаванда муроҷиат намудан оид ба шиканҷа ва ҷазои бераҳмона ба мақомоти прокуратура, ВҲИ ё дигар мақомоти дахлдор ва санҷиши шаффофи онҳо | 2019-2020 | ПГ, СО, ВА, ВКД, КДАМ, ВҲИ | Дар ин самт чораҷӯӣ карда шуд |
| | | 3) Баррасии масъалаи такмили иттилооти оморӣ оид ба қабул ва баррасии шикоятҳо вобаста ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона | 2019-2020 | ПГ, СО, ВА, ВКД, КДАМ, ВҲИ | Дар ин самт чораҷӯӣ карда шуд |
| 15. | Вазъи маҳкумшудагоне, ки якумра аз озодӣ маҳрум шудаанд (тавсияҳои №37-38) | 1) Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати вусъат бахшидан ба корҳои лоиҳакашии сохтмони тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/1 ва муассисаи ислоҳии низоми махсус барои адои ҷазои маҳкумшудагони якумра аз озодӣ маҳрум дар ноҳияи Рӯдакӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ | 2019-2022 | ВА, ВМ, ПГ, СО, ВТҲИА, ВМИ | Чораҳои зарурӣ андешида шуд |
| | | 2) Баррасии масъалаи ба меҳнат ҷалб намудани маҳкумшудагони ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрумшуда | 2020 | ВА, КДАМ, ПГ, СО, | Масъала баррасӣ карда шуд |
| | | 3) Баррасии масъалаи якҷо бо дигар маҳкумшудагон нигоҳ доштани маҳкумшудагоне, ки якумра аз озодӣ маҳрум сохта шудаанд | 2020 | ВА, ПГ, СО | Масъала баррасӣ карда шуд |
| | | 4) Баррасии масъалаи зарурати такмили Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вобаста ба тавсияи мазкур | 2020 | ВА, ПГ, СО, ВКД, ВТҲИА, ММҚ, ВҲИ | Аз ҷониби гурӯҳи корӣ таклифҳои мушаххас манзур гардиданд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 16. | Адолати судӣ нисбат ба ноболиғон (тавсияҳои №39-40) | 1) Амалӣ намудан ва мониторинги Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбати кӯдакон барои солҳои 2017-2021 | мунтазам | ВА, ПГ, СО, ВКД, ВМИ, ВТҲИА, ВММША, ВҲИ | Барнома амалӣ гардида, мониторинги он гузаронида шуд |
| | | 2) Гузаронидани таҳлили қонунгузорӣ дар соҳаи адлияи ноболиғон ҷиҳати мутобиқати он ба Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали СММ оид ба адолати судӣ нисбати ноболиғон (Қоидаҳои Пекин) ва Принсипҳои роҳбарикунандаи СММ оид ба пешгирикунии ҷиноятkорӣ дар байни ноболиғон (Принсипҳои роҳбарикунандаи Риёз) ва Принсипҳои роҳбарикунандаи вобаста ба адолати судӣ ва масоили ба кӯдакон-қурбониёну шоҳидони ҷиноят таааллуқдошта | 2020 | ВА, ПГ, СО, ВКД, ВМИ, ВТҲИА, ВММША, ВҲИ | Таҳлили қонунгузорӣ гузаронида шуд |
| | | 3) Такмили ихтисос ва баланд бардоштани савияи дониши касбӣ барои ҳайати кормандони муассисаҳое, ки дар онҳо ноболиғон дар ҳабс нигоҳ дошта мешаванд | мунтазам | ВА, ПГ, СО, ВКД, ВМИ | Курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуд |
| | | 4) Таҳия ва қабули барнома вобаста ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва офиятбахшии кӯдакон дар асоси арзёбии эҳтиёҷ ва талаботи инфиродии онҳо | 2020 | ВА, ПГ, СО, ВКД, ВМИ, ВТҲИА, ВММША, ВҲИ | Барнома қабул карда шуд |
| | | 5) Баррасии масъалаи такмили қонунгузорӣ бо мақсади мутобиқати он ба Қоидаҳои Токиё ҷиҳати коҳиши то мурофиаи судӣ дар ҳабс нигоҳ доштани ноболиғон ва татбиқи чораҳое, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ дахл надоранд | 2021 | ПГ, СО, ВКД, ВА, КДАМ | Масъалаи такмили қонунгузорӣ баррасӣ карда шуд |
| | | 6) Ҷалби равоншиносон барои кор бурдан бо ноболиғон дар ҳамаи ҷойҳое, ки кӯдакон дар системаи адолати судӣ нигоҳдорӣ мешаванд | 2019-2020 | ВА, ВТҲИА, ВМИ | Масъала баррасӣ карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 17. | Ҷуброн ва офиятбахшӣ (тавсияҳои №41-42) | 1) Таҳлили таҷрибаи судӣ оид ба ҷуброни зарари маънавӣ ва моддӣ ба қурбониёни шиканҷа, муносибати бераҳмона ва ғайриинсонӣ | 2019-2022 | СО, ВА, ПГ, ВТҲИА, ВМ, ВҲИ | Таҷрибаи судӣ таҳлил гардид |
| | | 2) Муқаррар намудани ВТҲИА ҳамчун мақоми ҳамоҳангсоз оид ба масоили офиятбахшии шахсоне, ки мавриди шиканҷа қарор гирифтаанд ва аъзои оилаи онҳо | 2019-2022 | ВТҲИА, СО, ВА, ПГ, ВМ, ВҲИ | Масъала баррасӣ гардида, чораҷӯӣ карда шуд |
| | | 3) Таъсиси системаи расонидани кумаки умумии офиятбахшӣ тавассути коркарди барномаи мушаххас ба шахсоне, ки мавриди шиканҷа қарор гирифтаанд ва аъзои оилаи онҳо | 2019-2022 | ВТҲИА, ВА, ПГ, ВМ, ВҲИ | Масъала баррасӣ гардида, чораҷӯӣ карда шуд |
| | | 4) Омӯзонидан ва омода намудани кормандони иҷтимоӣ оид ба расонидани кӯмаки иҷтимоӣ, омӯзонидан ва омода намудани равоншиносон, коркарди дастурамали таълимӣ оид ба кор бо шахсоне, ки мавриди шиканҷа қарор гирифтаанд ва аъзои оилаи онҳо | 2019-2022 | ВТҲИА, ВА, ПГ, ВМ, ВҲИ | Масъала баррасӣ гардида, чораҷӯӣ карда шуд |
| | | 5) Бо мақсади коркарди талаботи ягона вобаста ба хизматрасонии тиббӣ ва барқарорсозӣ дар ВТҲИА ба қурбониёни шиканҷа:<br>- таҳлили масъалаи маблағгузории барномаҳои барқарорсозӣ ва ҷалби манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ, баррасии механизми ҷудо намудани маблағгузории алоҳида аз буҷети давлатӣ ҳамчун манбаи захиравии таъмини барномаҳои барқарорсозии қурбониёни шиканҷа, муносибатҳои бераҳмона, ки то ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд оид ба ҷуброни зарари моддию маънавӣ истифода бурда мешавад; | 2019-2022 | ВТҲИА, СО, ВА, ПГ, ВМ, ВҲИ | Масъала баррасӣ гардида, чораҷӯӣ карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | - баррасии масъалаи ворид намудани қурбониёни зӯроварӣ (шиканҷа, хушунати оилавӣ, зӯровари нисбати занон, хизматчиёни ҳарбӣ) ба гурӯҳи шахсони осебпазир бо мақсади додани кафолат вобаста ба гузаронидани экспертизаи тиббӣ ва фарогирӣ бо барномаҳои барқарорсозӣ, расонидани ёрии тиббии ройгон, таъмини ҳамгироӣ ба ҷамъият ва ғ.;<br>- омода намудани кормандони тиббӣ вобаста ба хизматрасонии офиятбахшӣ ба қурбониёни шиканҷа тибқи меъёрҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ | | | |
| 18. | Ҷазои ҷисмонии кӯдакон (тавсияҳои №43-44) | 1) Такмил додани қонунгузорӣ вобаста ба манъи бевоситаи истифодаи зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон | 2019-2020 | ПГ, ВМИ, ККЗО | Қонунгузорӣ таҷдиди назар карда шуд |
| | | 2) Ташкил ва гузарондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва дигар муассисаҳои нигоҳдории кӯдакон оид ба масъалаҳои манъи истифодаи зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон | мунтазам | ПГ, СО, ВА, ВМИ, ВКД, ВТҲИА, ВММША, ККЗО, МИМҲД | Теъдоди чорабиниҳои иттилоотӣ вобаста ба масъалаи мазкур |
| 19. | Муносибати бераҳмона ва шиканҷа дар қувваҳои мусаллаҳ (тавсияҳои №45-46) | 1) Гузаронидани семинар-тренингҳо ва ҷоннок кардани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни ҳайати шахсӣ дар самти мазкур | мунтазам | ВМд, КДАМ, ВКД, ПГ, СО, ВҲИ | Тренинг ва дигар чорабиниҳои дахлдор гузаронида шуданд |
| | | 2) Таҳлилу ҷамъбаст намудани ҳолати бақайдгирӣ ва содиршавии ҷиноятҳои марбут ба муносибатҳои ғайриоинномавӣ, баррасии масъалаи бандубасти дахлдори кирдорҳо тибқи моддаи 143[1] Кодекси ҷиноятӣ ва тафовутгузории кирдорҳои мазкур аз муносибатҳои ғайриоинномавӣ, инчунин ҷиноятҳои вобаста ба хунукназарӣ ва баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, чораҷӯӣ аз натиҷаи он | 2019 | ПГ, СО, ВА, ВМд, КДАМ, ВХИ | Масъала баррасӣ гардида, чораҷӯӣ карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3) Тақвият бахшидани кори командирони отделенияҳо, взводҳо ва ротаҳо дар самти муоинаи ҳаррӯзаи бадани сарбозон, андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати пешгирию ошкорсозии ҳар як ҳодисаи бузургсолорӣ дар байни хизматчиёни ҳарбӣ, ҷудо нигоҳ доштани сарбозҳои навомада аз дигар сарбозон дар казармаҳои алоҳидаи ҳудуди қисмҳои низомӣ | мунтазам | ВМд, КДАМ, ВКД, ПГ, СО, ВҲИ | Чораҳои дахлдор андешида шуданд |
| | | 4) Ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ оид ба ҳатмӣ будани гузаронидани қурбонӣ ва шоҳидони шиканҷа ва муносибатҳои бераҳмона дар артиш ба дигар қисмҳои ҳарбӣ то хотима ёфтани тафтишот ва муҳокимаи судӣ | 2019 | ПГ, ВА, ВМд, КДАМ, ВКД, СО, ВҲИ | Чораҳои дахлдор андешида шуданд |
| | | 5) Андешидани чораҳои иловагии самаранок вобаста ба пешниҳоди арзу шикоятҳо аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ оид ба истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, аз ҷумла санҷидан ва таҳлил намудани қуттиҳо барои арзу шикоятҳо ва кори телефонҳои боварӣ | мунтазам | ПГ, ВМд, КДАМ, ВКД, СО, ВҲИ | Чораҳои дахлдор андешида шуданд |
| | | 6) Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ расонидани ёрии тиббӣ ва психологӣ ба ҷабрдидагони шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар қисму воҳидҳои ҳарбӣ ташкили ҳуҷраи алоҳидаи корӣ, ки бо ашёи лозимаи тиббӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст ва вобаста ба ҳар як ҳодисаи бузургсолорӣ андешидани чораҳои мушаххас ҷиҳати талофии зарар, расонидани ёрии тиббӣ ва психологӣ | мунтазам | ПГ, ВМд, КДАМ, ВКД, СО, ВҲИ | Чораҳои дахлдор андешида шуданд |
| 20. | Зӯроварӣ нисбат ба занон (тавсияҳои №47-48) | 1) Тақвияти фаъолияти гурӯҳи корӣ вобаста ба такмили қонунгузории соҳа | 2019-2022 | Гурӯҳи корӣ | Аз ҷониби гурӯҳи корӣ таклифҳо манзур гардиданд |
| | | 2) Зиёд намудани шумораи утоқҳои корӣ вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила | мунтазам | ККЗО, ВМ, МИМҲД | Шумораи утоқҳои корӣ |
| | | 3) Ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба зӯроварӣ дар оила, гузаронидани маъракаҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ, омода намудани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои пешгирии зӯроварӣ дар оила | мунтазам | ККЗО, АО, ВКД, ПГ, МИМҲД | Чораҳои дахлдор андешида шуданд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 21. | Эътирофи салоҳияти Кумитаи зидди шиканҷа тибқи моддаҳои 21 ва 22 Конвенсия (тавсияҳои №27, 28 ва 52) | 1) Мавриди баррасӣ қарор додани масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба протоколи иловагии Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф | 2020-2022 | ДИП, ВКХ, СО, ПГ, ВА, ВММША, КДАМ, ВҲИ | Масъала баррасӣ гардида, таклифи мушаххас пешниҳод карда шуд |
| | | 2) Омӯзиши масъалаи имконияти эътирофи салоҳияти Кумитаи зидди шиканҷа | 2020-2022 | ДИП, ВКХ, СО, ПГ, ВА, ВКД, ВМ, КДАМ, ВҲИ | Масъала баррасӣ гардида, таклифҳо манзур карда шуданд |
| 22. | Паҳн намудани маълумот оид ба гузоришҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳои мазкур (тавсияи №54) | Чораҷӯӣ вобаста ба тарҷумаи тавсияҳо ва паҳн намудани онҳо | 2019-2022 | ДИП, ВКХ, КТР, ВҲИ | Дар самти мазкур чораҷӯӣ карда шуд |

Эзоҳ: Барои иҷрои чорабиниҳо Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар мувофиқа ҷалб карда мешаванд.

Рӯйхати ихтисораҳо:

ДИП – Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
СО – Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ПГ – Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
АНДММК – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
АНМН – Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
АО – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВА – Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВКД – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВКХ – Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМИ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВММША – Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМд – Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМ – Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВРИС – Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВТҲИА – Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВҲИ – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ККЗО – Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КТР – Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ММҚ – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
МИМХД – мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ
ИА – Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон